Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14)

# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Мирбобоева Матлюбахон Ибраимхоновна дар мавзуи «Эҳсонкорӣ дар шароити ташаккул ва рушди иқтисодиёти тамоюли иҷтимоидошта (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз руйи ихтисоси: 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050611 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт).**

## 1. Мубрам будани мавзуи диссертатсия

Дар бисёре аз сарчашмаҳои илмӣ мафҳуми фаъолияти эҳсонкорӣ ҳамчун амали солеҳе баррасӣ мешавад, ки барои кӯмаку дастгирии ниёзмандон дар ҷомеа равона гардидааст. Вале дар иқтисоди бозорӣ миқёси чунин фаъолият танҳо бо дастгирии ниёзмандон маҳдуд намешавад. Албатта, аз нигоҳи самаранокӣ эҳсонкории бахши хусусӣ аз иқдомоти давлат дар ин самт самараи камтаре дошта метавонад.

Азбаски қобилияти соҳибкорӣ ба ҳамаи аъзоёни ҷомеа баробар тақсим нашудааст, бо мурури замон, рушди иқтисодӣ дар иқтисоди бозорӣ ба он оварда мерасонад, ки баъзе аъзоёни ҷомеа, ки қобилияти мазкур дар онҳо бештар аст, торафт сарватманд шудан мегиранд. Баръакс, баъзе аъзоёни дигари ҷомеа, бинобар сабабҳои объективии гуногун, аз ҷумла надоштани чунин қобилият осебпазир мешаванд. Аз ин рӯ, дар иқтисоди бозорӣ ҳамеша гурӯҳи аъзоёни ҷомеа ба дастгирии давлат ва бахши хусусӣ муҳтоҷ боқӣ мемонанд. Дар кишварҳои дунё, вобаста ба сатҳи рушди иқтисодӣ ин таносуб низ гуногун боқӣ мемонад.

Фаъолияти эҳсонкорӣ амали дорои таъиноти иҷтимоист, ки мақсад аз он расондани ҳама гуна кӯмак ба аъзои ҷамъият мебошад, ки бо ин ё он сабаб аз имкони бо кӯшиши худашон таъмини шароити шоистаи зиндагӣ, ки мутобиқ ба шароити меъёрии ҷомеаи мушаххас аст, махрум гардидаанд. Дар доираи вазифаҳои иҷтимоӣ масъулияти аъзои ҷомеа фаҳмида мешавад.

Аниқ муайян кардани мавқеъи ангезаҳои иқтисодӣ дар иерархияи умумии ангезаҳои фаъолияти эҳсонкорӣ хеле душвор аст. Ҳамин тариқ, аввалан, фаъолияти эҳсонкорӣ амали дорои ҳадафи иҷтимоӣ аст, ки барои мувофиқат кардан ба меъёрҳои қабулшуда дар ҷомеаи инсонӣ анҷом дода

мешавад. Сониян, машғул шудан ба эҳсонкорӣ ин рисолати бузурги инсонист, ки барои дар ҷомеа барқарор кардани ҳиссиёти эмпатия байни аъзоён, хусусан, байни сарватмандон ва муҳтоҷон, кӯмак мекунад, аз ин рӯ, самти муҳими фаъолияти эҳсонкорӣ мебошад.

Аммо, мутахассисон ҳаминро ба назар гирифтаанд, ки аз фаъолияти эҳсонкорӣ соҳибкорон оромиши виҷдон ва лаззати маънавӣ ҳосил мекунанд ва худро аз нигоҳи ахлоқ шоиста ҳис мекунанд.

Дар робита ба ин, интихоби мавзӯъ, гузориши мақсад ва вазифаҳо, инчунин объекту предмети диссертатсияи Мирбобоева Матлюбахон Ибраимхоновна, ки меҳвари асосии онро омӯзиши фаъолияти эҳсонкорӣ дар шароити ташаккул ва рушди иқтисодиёти тамоюли иҷтимоидошта ташкил медиҳад, дар шароити имрӯза мубрам ва саривақтӣ мебошад.

**2. Мутобиқати диссертатсия ва ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст**

Мазмун, мундариҷа, навгониҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳои диссертатсияи мазкур ба бандҳои зерини Шиносномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ихтисоси 6D050611 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт: 1.; 7.; 9.; 16.; 18.; 19 мувофиқат мекунад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд**

Чнуное, ки аз экспертизаи диссертатсияи мазкур маълум гардид пас аз ҳалли вазифаҳои гузошташуда, муаллиф навгонии илмии худро вобаста ба таҳқиқот таҳия намудааст, ки он аз асосноккунии назариявии фаъолияти эҳсонкорӣ ҳамчун шакли ҳамоҳангсозии манфиатҳои иқтисодии давлат, бахши хусусӣ ва ҷомеа, ки рушди онҳо ҳамчун шарти бунёди иқтисодиёти ба соҳаи иҷтимоӣ нигаронидашуда хизмат мекунад, инчунин дар таҳияи самтҳои такмили механизмҳои фаъолияти эҳсонкорӣ дар вилояти Суғд равона шудааст.

**Ба бандҳои навгонии илмии таҳқиқот инҳоро ҷудо кардан мумкин аст:**

1. Пас аз омӯзиши ҷанбаҳои назариявии таҳқиқоти мазкур аз ҷониби муаллиф як қатор таърифҳо, ба монанди: “эҳсонкорӣ”, “ҳасана”, “хайрия” тавсиф карда шудааст. Дар баробари омӯзиши таърифҳо муаллиф таърифи консептуалии худро пешниҳод кардааст, ки таърифҳои пешинаро пурра месозад;

2. Муаллиф исбот кардааст, ки ташаккули фаъолияти эҳсонкорӣ ҳамчун воситаи бартарафсозии мушкилоти иҷтимоӣ дар иқтисоди бозорӣ дар

шароити муосир зарурат дорад ва давлат наметавонад бе ниҳодҳои миёнарав ва фарҳанги эҳсонкорӣ рисолатҳои иҷтимоии худро иҷро кунад.

3. Диссертант аз таҷрибаи хориҷӣ чунин хулосае кардааст, ки эҳсонкорӣ барои пешгирии ба қишрҳо ҷудошавии ҷомеа, табақаҳои осебпазири ҷомеа василаи хуби коҳиш шиддати ташаннуҷи авзои ҷомеа мебошад ва тадбирҳои мушаххасро барои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тақвият додани нақши давлат дар самти танзими меъёрию ҳуқуқии фаъолияти созмонҳои хайриявӣ, пешниҳод кардааст.

4. Ҳангоми таҳлили дастовардҳои иқтисодиёти миллӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ муаллиф хулосабардорӣ намудааст, ки сарфи назар аз такондҳои зиёди берунию дохилӣ, оқибатҳои ногувори ҷанги таҳмилӣ, тағйироти куллӣ дар сохти хоҷагидорӣ ва буҳронҳои такроршавандаи ҷаҳонӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иқтисодиёти тамоюли иҷтимоидошта аллакай ба вуҷуд омадааст ва дар натиҷаи ибтикороти шахсӣ ва таблиғу роҳнамоиҳои пайвастаи Пешвои миллат дар кишвар қишри соҳибкорони саховатманди ватанӣ ба вуҷуд омадааст.

5. Муаллиф моҳияти "потенсиали иқтисодии эҳсонкорӣ"-ро ҳамчун маҷмуи неъматҳои иқтисодӣ, захираҳои молиявии аз пардохтҳои ҳатмӣ озоди субъекти хоҷагидорӣ, ки эҳтимол субъект онро ба соҳаҳои фоидаи моддӣ надошта, хайр карда метавонад, муайян карда, иқтидори мазкурро дар мисоли нишондиҳандаҳои фаъолияти эҳсонкорӣ дар вилояти Суғд ҳисоб карда баромадааст.

6. Инчунин яке аз навгониҳои пешниҳодгардидаи муаллиф ин пешниҳоди роҳҳои такмили механизми фаъолияти эҳсонкорӣ дар ҷумҳурӣ, аз ҷумла вилояти Суғд мебошад, ки унсурҳои: асимметрияи иттилоот ва "эффекти Веблен" -ро дар бар мегирад.

**4. Асосноки ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Бояд қайд кард, ки мақсади таҳқиқот арзёбии фаъолияти эҳсонкорӣ ҳамчун зуҳуроти иқтисодӣ дар шароити рушди иқтисодиёти тамоюли иҷтимоидошта дар як ҳудуди алоҳида, асосноккунии назариявии он ва таҳияи пешниҳодҳо барои ташаккули фарҳанги эҳсонкорӣ ва бавуҷудоии ниҳодҳои миёнрав дар ин самт дар саросари кишвар мебошад.

Тавассути гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот ва кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявию таҷрибавӣ таҳия карда шудаанд.

**5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

Чуноне, ки маълум мегардад аксарияти муқаррароти таҳқиқоти илмӣ барои равшанӣ андохтан ва инкишофи назарияи фаъолияти эҳсонкорӣ, пурра гардидани дониш дар бораи фаъолияти эҳсонкорӣ дар иқтисодиёти бахши давлатӣ ва хусусӣ дар соҳаҳои хизматрасониҳои ичтимоӣ мусоидат хоҳад кард.

Методология ва амсилаи пешниҳодкардаи муаллиф метавонад дар фаъолияти Мақомоти ичроияи ҳокимияти давлатӣ, ташкилоти давлатӣ ва ғайридавлатии бахши давлатӣ барои баҳодиҳии самаранокии фаъолияти онҳо ва таҳияи тавсияҳо оид ба рушди минбаъдаи бахши давлатии иқтисодиёти вилояти Суғд ва такмили низоми идоракунӣ, ки ба қонеъ кардани эҳтиёчоти ичтимоии минтақаи мазкур равона карда шудааст, истифода шуда метавонанд.

Муаллиф тавассути гузаронидани тачрибаҳо, дақиқии маълумот ва кифоягии ҳачми маводи таҳқиқотӣ коркарди омории натичаҳои таҳқиқот ва интишоротро тасдиқ мегардонад. Хулоса ва тавсияҳоро дар асоси таҳлили илмии натичаҳои таҳқиқоти назариявию тачрибавӣ таҳия кардааст.

**6. Нашри натичаҳои диссертатсия дар мачаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Тавре аз таҳлили Муқаррарот ва натичаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар 19 мақолаи илмӣ, аз он 5 мақолаи илмии дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Чумҳурии Тоҷикистон ва 18 мақолаи илмӣ дар конференсияҳо дар ҳачми умумии 3,5 ч.ч. инъикос шудаанд.

**7. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия**

Диссертатсия ва автореферати диссертатсияи Мирбобоева Матлюбахон Ибраимхоновна дар мавзуи «Эҳсонкорӣ дар шароити ташаккул ва рушди иқтисодиёти тамоюли ичтимоидошта (дар мисоли вилояти Суғди Чумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси: 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050611 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва ичтимоиёт) ба талаботи "Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия", ки бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Чумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022 таҳти №3 тасдиқ шудааст, чавобгӯ мебошад.

**Сохтор ва ҳачми диссертатсия.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, 10 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат аст. Ҳачми умумии кор 178 саҳифаи матни компютерӣ, аз чумла 24 чадвал, 23 диаграмма ва 2 расмро дар бар мегирад.

**Дар қисмати муқаддамотии** диссертатсия оид ба мубрам будани мавзуъ баҳси илмӣ шуда, мурури ба таълифоти олимони соҳа дар ин самт анҷом ёфта, мақсаду вазифаҳо, навгонию нуктаҳо, эътимоднокию аҳамияти таҳқиқот собит карда шудааст.

Дар боби якум, ки **"Асосҳои назариявӣ ва моҳияти иҷтимоию иқтисодии фаъолияти эҳсонкорӣ"** ном гирифтааст, моҳияти фаъолияти мазкур ҳамчун омили бартарафсозандаи мушкилоти иҷтимоӣ, мафҳум ва таҳаввулоти он, муҳтавои иқтисодию иҷтимоии ин фаъолият ва таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба эҳсонкорӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. (С. 15-67)

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки азбаски қобилияти соҳибкорӣ ба ҳамаи аъзоёни ҷомеа баробар тақсим нашудааст, бо мурури замон, рушди иқтисодӣ дар иқтисоди бозорӣ ба он оварда мерасонад, ки баъзе аъзоёни ҷомеа, ки қобилияти мазкур дар онҳо бештар аст, торафт сарватманд шудан мегиранд. Баръакс, баъзе аъзоёни дигари ҷомеа, бинобар сабабҳои объективии гуногун, аз ҷумла надоштани чунин қобилият осебпазир мешаванд. Аз ин рӯ, дар иқтисоди бозорӣ ҳамеша гурӯҳи аъзоёни ҷомеа ба дастгирии давлат ва бахши хусусӣ муҳтоҷ боқӣ мемонанд. Дар кишварҳои дунё, вобаста ба сатҳи рушди иқтисодӣ ин таносуб низ гуногун боқӣ мемонад. (С. 16-31)

Пас аз гузаронидани таҳқиқоти худ муаллиф ба хулосае омадааст, ки ҳавасмандӣ ба фаъолияти эҳсонкорӣ ин маҷмуи ҳолатҳост, ки шахси алоҳида (эҳсонкории инфиродӣ ва шахсӣ) ё ширкат (эҳсонкории корпоративӣ)-ро барои барои ба ҷой овардани хайру эҳсон (некӯкорӣ) водор мекунад. Ҳавасмандӣ ба эҳсонкорӣ аз эҳтиёҷоти дохилии фард ё созмон ва маҷмуи ҳолатҳои беруна, ки ба қабули қарорҳои "хайриявӣ" таъсири назаррас доранд, вобаста мебошад. (с. 34-43)

Унвонҷӯ дуруст қайд намудааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли дигар кишварҳо хайрияи пинҳонӣ воқеан вуҷуд дорад. Пеш аз ҳама, ин рафтор аз арзишҳои ахлоқию маънавии дар тӯли асрҳо ташаккулёфтаи худи халқ маншаъ мегирад, ки дар эҳсон риё набошад, он бояд пинҳонӣ сурат гирад. Тибқи мақоли халқӣ "тавре дода мешавад, ки ин даст аз дасти дигар хабар наёбад". Дигар ин, ки эҳсонкор сатҳи даромаднокии тиҷорати худро ифшо кардан намехоҳад ё фаъолияташ ғайрирасмист. (с. 51-62)

Дар боби дуюми диссертатсия, ки ба **"Таҳлили рушди фаъолияти эҳсонкорӣ дар раванди ташаккули иқтисодиёти тамоюли иҷтимоидошта"** бахшида шудааст, масоили марбут ба ташаккули иқтисодиёти тамоюли иҷтимоидошта дар Тоҷикистон, сиёсати давлатӣ ва саҳми Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккули механизми татбиқ ва рушди эҳсонкорӣ баррасӣ гардида, таҳлили таркибии фаъолияти эҳсонкорӣ дар вилояти Суғд анҷом дода шудааст. (С. 67-113)

Пас аз таҳлил намудани фаъолияти эҳсонкорӣ муаллиф дуруст қайд менамояд, ки зимни ҳидоятҳои Пешвои миллат фаъолияти эҳсонкорӣ, хайриявӣ, саховатмандӣ дар шароити муосир масъалаҳои мубрами рӯз маҳсуб ёфтааст. Сарвари давлат тамоюли дар байни шаҳрвандон бавуҷудомада, ки маблағи барои сафари ҳаҷ ва ё умра ҷамъкардаашонро ба корҳои эҳсонкорӣ сарф карданашонро хуб қадрдонӣ карда, ҷонибдори чунин ашхоси саховатманду савобпеша мебошанд. Дар табрикоти бахшида ба фарорасии иди Фитр ва Қурбон махсусан дар табрикоти Сарвари давлат чунин кирдорҳои нек хотиррасон мегарданд. Дар суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо аз соҳибкорон ва мардуми саховатпеша даъват ба амал оварда мешавад, ки дастгири муҳтоҷону камбизоатон бошанд. (С. 73-81)

Ҳангоми таҳияи боби 2-юми диссертатсия муаллиф қайд намудааст, ки эҳсонкорӣ воситаи муҳим барои пур кардани камбудиҳои ба вуҷуд омада ва баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ мегардад. Ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ имкон медиҳад, ки мушкилоти иҷтимоӣ самараноктар ҳал карда шаванд ва ҷомеаи устувортар таъсис дода шавад. Азбаски танҳо ба маблағҳои буҷети давлат ҳамчун манбаи асосии бахши давлатӣ умед бастан ғайриимкон аст, таъмини сатҳи кифоя ва ҳатто ҳадди ақали эҳтиёҷоти ҷамъият низ ғайриимкон мебошад. Вобаста ба ин, омӯхтани масъалаҳо ва ҷустуҷӯи роҳҳо ва усулҳои гуногуни ба иқтисодиёти бахши давлатӣ ҷалб намудани захираҳои иловагӣ аз ҷониби соҳибкорони ватанӣ, роҳҳои баланд кардани сатҳи камбизоатӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои иқтисодӣ, аҳамияти муҳим пайдо мекунад. (С. 90-98)

Бо гуфтаҳои диссертант розӣ шудан мумкин аст, ки ӯ чунин меҳисобад: нақши созмонҳои хайриявӣ дар сатҳи минтақавӣ дар он аст, ки онҳо норасоии захираҳои давлатиро ҷуброн мекунанд. Онҳо аксар вақт маблағгузории лоиҳаҳо ва барномаҳоеро ба ухда мегиранд, ки аз ҷониби давлат пурра амалӣ карда намешаванд. Ин алалхусус барои минтақаҳои хурд ё лоиҳаҳое, ки вокуниши чандир ва фавриро талаб мекунанд, дуруст аст. (С. 105-110)

Боби сеюми диссертатсия **"Мукаммалгардонии механизми фаъолияти эҳсонкорӣ дар вилояти Суғд"** номгузорӣ карда шудааст, институтсионализатсияи фаъолияти эҳсонкорӣ ва ташаккули институтҳои иҷтимоӣ, фаъолияти босамари субъектҳои фаъолияти эҳсонкорӣ ва рушди

онҳо дар оянда баррасӣ гардида, иқтидори фаъолияти эҳсонкорӣ ва дурнамои рушди он ҳисоб карда баромада шудааст.

Пас аз таҳлили гузаронидаи муаллиф маълум гашт, ки минтақаи Осиёи Марказӣ дар соли 2010 камтарин фоизи миёнаи хайрияро дар ҷаҳон (15%) нишон додааст. Бо вуҷуди ин, минтақа аз рӯи миқдори вақт барои волонтёрӣ (38%) дар ҷаҳон ҷои дуюмро ишғол мекунад ва Туркманистон дар байни ҳамаи кишварҳои пурсишшуда сатҳи баландтарини волонтёрӣ дорад, ки 61% аҳолиро ташкил медиҳад. Минтақа инчунин сатҳи нисбатан баланди хайрия (43%) дорад ва таъкид мекунад, ки хайрхоҳӣ на танҳо пул аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи минтақавӣ дар соли 2010 чунин арзёбӣ шудааст. (С. 115-121)

Муаллиф ба чунин ақида омадааст, ки бо ин розӣ шудан мумкин аст. Иқтидори эҳтимолии эҳсонкории субъектони хоҷагидорӣ аз маҷмуи пасандозҳо ва андӯхт, зимни эълон намудани саноатикунонии босуръати кишвар, баҳри тақвият бахшидани ҷараёни такрористеҳсол барои харидории таҷҳизотҳои муосир, таҳкими фондҳои асосии истеҳсолот ва воситаҳои он сафарбар шудаанд. Дар баробари ин, иқтидори мазкур барои рӯпӯш намудани таъсири манфии буҳронҳои молиявӣ ва иқтисодие, ки тамоми иқтисодиёти ҷаҳонро фаро гирифта, ба робитаҳои берунаи иқтисодӣ, пасандозҳо ва андӯхти субъектони хоҷагидори ватанӣ иртиботи бевосита дошт, равона гардид. (С. 143-153).

Ҳангоми таҳияи рисолаи худ муаллиф роҳҳои такмили механизми фаъолияти эҳсонкориро пешниҳод намудааст, ки якчанд роҳҳоро номбар карданро дуруст меҳисобем: а) бартараф кардани асимметрияи иттилоот оид ба эҳсонкорӣ дар бозори хизматрасониҳои иҷтимоӣ, ки эҳсонкорӣ дар ҳолати ихтилофи иттилоот ба бавуҷудоии интихоби манфӣ (adverse selection) дар бозори хизматрасонӣ оварда мерасонад. Асимметрияи иттилоот оид ба эҳсонкорӣ аз он иборат аст, ки зимни сарчашмаҳои фарҳангӣ, маънавӣ, динӣ, мазҳабӣ подоши эҳсонкорӣ ба эҳсонкор дар фазои ғайриратсионалӣ ваъда дода мешавад; б) Эҳсонкории субъектҳои хоҷагидорӣ зимни “эффекти Веблен” ба вуҷуд омада, фаъолнокӣ ва самаранокӣ дар таносуби бевоситаи он қарор дорад. Муайян карда шуд, ки рафтори эҳсонкории субъектон ба хотири қонеъ намудани худнамоишии сарватмандӣ, ҳиссиёти рақибӣ ва шуҳратпарастии онҳо равона шудааст.

Дар қисмати хулосавии диссертатсия аз ҷониби муаллиф хулосаҳои мушаххас додааст.

## 8. Эроду тавсияҳо барои беҳтар гардонидани сатҳи илмию назариявӣ ва амалии диссертатсия

Ба сифати эроду тавсияҳо ба диссертатсияи тақризшаванда чунин нуқтаҳоро қайд кардан мумкин аст:

1. Хуб мешуд агар муаллиф натиҷаҳои омӯзиши ҷанбаҳои назариявиро оид ба таърифҳои омӯхташуда дар диссертатсия ба таври возеҳ дар шакли ҷадвал оварда ақидаи худи муаллифро баён менамуд.

2. Дар диссертатсияи мазкур аз ҷониби муаллиф таъсири мусбии фаъолияти ташкилотҳои байналмилалии хайриявӣ барои ташаккул ёфтани фарҳанги эҳсонкорӣ бояд равшантар нишон дода мешуд.

3. Муаллиф дар таҳқиқи таҷрибаи хориҷӣ, ба кишварҳои ҳамсоя камтар таваҷҷуҳ кардааст. Хуб мебуд агар аз ҷониби муаллиф таҷрибаи давлатҳои наздик омӯхта мешуд ва истифодаи таҷрибаи он давлатҳо пешниҳод мегардиданд.

4. Баъзе ҷадвалҳои тартибдодаи муаллиф бо соли 2021 анҷом дода шудааст. Хуб мебуд ҳама нишондиҳанда ҳадди ақал бо соли 2022 анҷом дода мешуд.

5. Дар диссертатсия мумкин буд, ки бо истифодаи нишондиҳандаҳо ва омилҳои таъсиррасон як ҷадвал бо унвони дурнамои фаъолияти эҳсонкорӣ дар вилояти Суғд оварда мешуд.

Эроду тавсияҳои зикршуда ба сатҳи баланди илмию амалии таҳқиқоти мазкур таъсири манфӣ намерасонад ва метавонанд аз ҷониби муаллиф зимни таҳқиқоти минбаъда ба инобат гирифта мешавад.

## 9. Хулосаи ҷамъбастӣ

Диссертатсияи Мирбобоева Матлюбахон Ибраимхоновна дар мавзуи «Эҳсонкорӣ дар шароити ташаккул ва рушди иқтисодиёти тамоюли иҷтимоидошта (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» навишта шудааст, таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, ҷавобгӯ ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таълифи рисолаҳои илмӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси: 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050611 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Декани факултети ҳисобдорӣ ва омори ДДМИТ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Нурализода А.Н.

Имзои Нурализода А.Н.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори ШК ва корҳои
махсуси ДДМИТ Мирҷамолов М.А.